# АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ҶОПОН



Душанбе
"Адиб"
2016

ББК 84 Тоҷик 7-4
А-23

Аз ҷопонӣ тарҷумаи *Разиюддин АТОӢ*

Муҳаррир *Шаҳодат АМОНЗОДА*

А-23 **Афсонаҳои халқи ҷопон**.
– Душанбе, «Адиб», 2016, 32 саҳ.

ISBN 978-99947-2-429-1

© Нашриёти “Адиб”, 2016

# ГАНҶИ КӢ БЕҲТАР АСТ?

Буд-набуд подшоҳе буд, ки ганҷҳои ғайриодӣ дошт. Вай тамоми чиз дошт: ҳам шохи шери ришдор, ҳам нофи моҳӣ, ҳам бодбезаки Тэнгу[1] ва ҳатто миёнбанди илоҳаи раъд Каминарисама!

Подшоҳ аз ганҷинаи худ хеле ифтихор мекард. Аз ҳама бештар ӯ бо хурӯси тилояш фахр мекард. Хурӯс аз тило сохта шуда бошад ҳам айнан мисли хурӯси ҳақиқӣ буд. Ҳар бомдод, баробари кафидани чашми рӯз се бор: «Қу-Қу-Қу» мегуфт.

Аз ҳама кори кайфиятбахш барои подшоҳ берун бароварда, тамошо кардани ганҷҳояш буд. Вай чизҳои қиматбаҳоро дар ҳақиқат дӯст медошт ва аз тамошои онҳо сер намешуд.

Подшоҳ ҳашт хизматгор дошт, ки ҳар кадоми онҳо низ ганҷинаҳои худро доштанд ва бо онҳо фахр мекарданд.

Боре подшоҳ хизматгоронашро даъват карда, гуфт:

– Медонед чӣ, бегоҳии рӯзи дигар ман намоиши ашёи қиматбаҳоро ташкил мекунам. Ганҷинаҳоятонро гирифта биёед. Ганҷинаи касе беҳтар бошад мукофоти хубе мегирад.

Хизматгорон хурсанд шуданд:

– «Намоиши ганҷинаҳо»! Чӣ хел аҷиб!

– Мукофотро ман мегирам!

– Не, ман бояд бигирам!

Чунин баҳсу мунозиракунон ҳама ба хонаҳояшон рафтанд.

Бегоҳии рӯзи дигар фаро расид. Подшоҳ хурӯси тилоияшро ба намоиш гузошта, омадани хизматгоронашро интизор шуд.

Хизматгори аввалин ҳам омад. Вай ганҷинаи худ – «чашми аждаҳо»-ро овард.

Хизматгори дуюм косахонаи сари хурдакакеро овард.

---

[1] Тенгу – ҷинни ҷодугар.

– Ана ин косахонаи сари гӯсола, – қаноатмандона гуфт ӯ.

Хизматгори сеюм чароғи ачина овард. Хизматгори чорум бошад меъдаи қашқалдоқро ба намоиш гузошт. Панчумин пойафзоли гунчишкро ба тамошо гузошт. Шашумин болу нӯли кабӯтарро пешкаш намуд. Хизматгори ҳафтум гӯши сунъии барои карҳо сохташударо ба миён гузошт.

Хизматгорон як-як пайдо шуда, ганчинаҳояшонро ба намоиш гузоштанд, аммо аз хизматгори ҳаштум дараке набуд.

– Кучо рафта бошад? Бо вай чӣ воқеа рух дода бошад?

– Шояд вай ягон ганчина надошта бошад!

– Эҳтимол барои ҳамин наомада бошад! Афсӯс, аммо...

Ҳафт хизматгор дар чунин суҳбат буданд, ки хизматгори ҳаштум низ аз дар даромад. Вай ба подшоҳ бо эҳтиром таъзим намуд.

– Ман дер кардам, вале ҳеч баҳона кардан намехоҳам.

– Баъд узр мепурсӣ. Ҳоло зудтар ганчинаатро нишон деҳ. Чӣ овардӣ?

– Ҳа-а, а-а... Фақат ман ягон ганчинаи махсус надорам. Ман надонистам, ки ин бегоҳ бо худ кадом ганчинаамро биёрам. Барои ҳамин ганчинаи аз ҳама одиамро овардам.

– Ҳо! Ганчинаи одӣ? Ин чӣ хел ганчина будааст? Зудтар нишон деҳ!

– Ман онро дар паси дари қаср монда омадам.

– Эй, ту чӣ кор карда истодаӣ. Зудтар рафта биёр!

– Хуб, хуб. Ҳозир!

Хизматгори ҳаштум рафта, бо ганчинаи худ баргашт. Ганчинаи ӯ чор духтари зебо ва чор писари гапдаро буданд. Бачаҳо ду қатор саф кашида, ба шоҳ бо эҳтироми хосса таъзим намуданд.

Тамоми даруни қаср аз нури чеҳраи бачаҳо равшан шуд. Хурӯси тилоӣ ва дигар ганчинаҳо ҳама қадрашонро гум карданд.

– Эҳ-е... – мад кашида, гуфт подшоҳ, – дар ҳақиқат ин беҳтарин ганчина аст. Бачаҳои дӯстрӯ! Акнун маълум шуд,

ки чӣ одиву чӣ ғайриодӣ аст. Ҳамаи ин ганҷинаҳову чизҳои қиматбаҳои мо дар пеши фарзандони ту бортӯдаанду халос. Ман ба ту ҳасад мебарам. Ганҷинаи қиматтарини Ҷопон – фарзанд дар дасти ту аст. Ту ғалаба кардӣ. Мукофоти аввалро ту мегирӣ. Табрик мекунам! Муборак бошад!

Хизматгорони дигар сухани подшоҳро шунида, сарашонро хам карданд ва чанд дақиқа онро набардоштанд.

## ГОМБЕЙ САЙЁДИ ПАРАНДАҲО

Дар шимоли Ҷопон, дар ҷазираи Ҳоккайдо, дар деҳаи Инаги, деҳқоне бо номи Гомбэй зиндагӣ мекард. Вай на падар дошт, на модар, на бародар ва на хоҳар. Ӯ замин ҳам надошт. Вай дар канори деҳа, дар кулбачаи хурдакаке зиндагӣ мекард ва мурғобиҳои ваҳширо сайд менамуд.

Гомбэй ҳар рӯз пеш аз дамидани субҳ мехест ва ба назди кӯли наздики деҳа рафта, домҳои аз навдаи бед сохтаашро ба об андохта, вақти зиёде интизор мешуд ва мурғобӣ шикор мекард. Ҳар рӯз вай ду ё се мурғобӣ шикор мекард. Рӯзҳое ҳам буданд, ки вай як мурғобӣ шикор мекард ва рӯзҳое ҳатто ягонто ҳам ба домаш намеафтид.

Рӯзҳои авали баҳор буд. Гомбэй се рӯз пайи ҳам яктогӣ мурғобӣ шикор кард. Рӯзи сеюм аз шикор ба хона баргашта, андеша намуд:

«Ҳар рӯз бо се дом аз субҳ то шом даруни об мегардам, вале буду шуд як мурғобӣ мегирам. Пагоҳ ҳам субҳдам ба шикор рафта, дар соҳил хунук мехӯрам. Агар дар об сад дом монам чӣ мешуда бошад? Шояд ҳамон миқдор шикор мекунам, ки дар як моҳ ба ман муяссар мешавад ва як моҳи дароз дар хона гарм шуда, мешинам».

Гомбэй рӯзи дигар ба ҳеҷ куҷо нарафта, аз навдаҳои бед ба домбофӣ сар кард.

То бегоҳ сад дом бофта, ба кӯл андохт ва худаш ба хона-

аш хобкунӣ рафт. Тамоми шаб хоб дид, ки мурғобиҳои рӯйи олам ҳамаашон омада ба домҳояш меафтанд. Гомбэй нисфи шаб бедор шуда, зуд либосҳояшро пӯшид ва ба сӯйи кӯл шитофт. Давида ба назди соҳил омад, вале ягон мурғобӣ набуд. Домҳо холӣ буданд. Ҳамаи домҳо бо ресмон пайваст карда шуда, нӯги он ба танаи дарахт баста шуда буд.

Субҳ кам-кам равшантар шуд. Ногоҳ аз куҷое мурғобиҳои бисёре пайдо гаштанд. Онҳо дар гирди кӯл давр зада, як-як ба рӯйи об нишастан гирифтанд. Ҳамаи мурғобиҳо рост ба рӯйи доми Гомбэй менишастанд..

Гомбэй ба домҳояш нигоҳ карда, ба дарахт наздик шуд.

Ба ҳамаи домҳо яктогӣ мурғобӣ афтида буд, танҳо як дом холӣ буд ва як мурғобӣ дар ҳаво чарх мезад. Гомбэй нӯги ресмонро аз дарахт кушода, ба досташ гирифт. Вай афсӯс мехӯрд, ки як домаш холӣ мондааст.

«Агар як мурғобии дигар дорам, ҳамааш садто мешавад. Он вақт домҳоро аз об мегирам».

Аммо кайҳо рӯз шуда буд ва офтоб тулуъ мекард. Вақте ки офтоб аз паси кӯҳҳо баромад нурҳояш дар об ҷило дода, чашмони мурғобиҳоро бурданд. Ҳамаи наваду нӯҳ мурғобӣ бол зада, дом дар пойҳояшон ба ҳаво хестанд. Гомбэй ресмонро мустаҳкам медошт. Аммо қуввати мурғобиҳо зӯртар буд, зеро онҳо наваду нӯҳто буданд. Онҳо баландтару баландтар парвоз мекарданд. Акнун Гомбэй ресмонро нею ресмон ӯро кашола мекард. Гомбей бо ҳар ду досташ аз ресмон сахт дошта, баробари мурғобиҳо парвоз мекард. Онҳо аз кӯл хеле дур шуданд. Гомбэй аз тарс ба зер нигоҳ намекард. Мурғобиҳо хеле баланд баромада, аз рӯйи деҳаву ҷангал ва кӯҳ парвоз карда гузаштанд. Ногоҳ ресмон аз дасти Гомбэй раҳо шуд. Мурғобиҳо парида рафтанд, аммо Гомбэй дар ҳаво муаллақ монд. Аз тарс дили ӯ аз тапиш бозмонд.

Гомбэй бояд меафтид, аммо чунин нашуд. Вай бо ҳайрат ва эҳтиёткорона чашмонашро кушод. Гомбэй мисли пештара дар осмон парвоз мекард. Ӯро шамоли сахт аз замин баланд,

дар рӯйи ҷангалу кӯҳҳо ва дашту баҳрҳо дури дур ба ҷануб мебурд. Гомбэй се шабу се рӯз парвоз кард. Дар рӯзи сеюм шамол камтар суст шуд ва Гомбэй оҳиста-оҳиста ба замин фаромад. Аз боло боми хонаҳо ва дар атроф киштзорро дид. Деҳқонон дар майдонҳо ҷав мекориданд. Гомбэй рост ба пеши деҳқонон фуруд омад. Деҳқонон корашонро партофта, ба гирдаш ҷамъ омаданд. Гомбэй ҳарчанд зӯр зад, аммо дасту пояшро ҷунбонда наметавонист, зеро се шабу се рӯз дар ҳаво дасту по зада, монда шуда буд. Ӯ ба деҳқонон салом дода, пурсид:

– Ин кадом деҳа аст? Ман ба куҷо афтода мондам?

– Ин деҳаи Акано аст, – ҷавоб доданд деҳқонон.

– Чунин деҳаро ягон бор нашунида будам. Худи шумо ҷопонӣ ҳастед?

– Албатта, мо ҷопонӣ ҳастем! Агар деҳаи Аканоро нашунида бошӣ, пас маълум мешавад, ки аз ҷойи хеле дур омадаӣ?

– Ман аз ҷазираи Ҳоккайдо, аз шимоли Ҷопон.

– Деҳаи Акано бошад дар ҷазираи Кюшю, дар ҷануби Ҷопон аст. Ту чӣ хел пайдо шуда, аз осмон ба пеши мо афтодӣ?

Гомбэй ба деҳқонон нақл кард, ки ӯро мурғобиҳо ба осмон бардоштанд ва се рӯз шамол ба ин ҷо овард.

– Акнун ба хонаат рафта наметавонӣ, – гуфтанд деҳқонон қиссаи Гомбэйро шунида. – Барои ин дар бисёр баҳрҳо шино карда, аз ҷануб то шимол пиёда роҳ гаштанат лозим меояд. Беҳтараш бо мо зиндагӣ кун. Ба мо ёрӣ деҳ, мо ба ту ҳақ медиҳем.

Гомбэй каме фикр карда, розӣ шуд.

– Дар диёри худам касу кӯ надорам. Чаро бо шумо зиндагӣ накунам?

Ҳамин тавр Гомбэй дар ҷазираи Кюшю, дар деҳаи Акано монд. Вай дар деҳа зиндагӣ карда, ба деҳқонон ёрӣ мерасонд, ҷав мекорид ва алафҳои бегонаро мечид. Вақт зуд гузашт ва баҳор ба охир расид. Тобистон шуд. Ҷав сар баст ва дарав шуд.

Рӯзе деҳқонон досҳояшонро гирифта, барои дарав ба киштзор омаданд. Гомбэй ҳам бо ҷиддият ба кор шуруъ кард. Ногоҳ аз пешаш хӯшаи ғафсу дарозе баромад. Гомбэй хӯшаро хам карда, мехост, ки онро бо дос бурад. Аммо хӯша ӯро чунон ҳаво дод, ки ба осмон парид. Гомбэй ба замин нафтид. Ӯро боз шамол бардошта, ба осмон бурд.

Гомбэй тааҷҷуб накард. Ҳамон замон асли воқеаро фаҳмид.

– Бовар дорам, ин ҳамон шамолест, ки маро ба Кюшю овард! Акнун шамол мехоҳад, ки маро ба хонаам бозгардонад.

Ин дафъа Гомбэй дар ҳаво дасту по назада, роҳат меистод.

Гомбэйро шамоли сахт аз замин баланд, дар рӯйи ҷангалу кӯҳҳо ва дашту баҳрҳо дури дур ба тарафи шимол мебурд. Рӯзи дароз ӯ дар ҳаво парвоз кард. Бегоҳӣ шамол суст шуд ва Гомбэй оҳиста-оҳиста ба замин фуруд омад.

«Вақти омаданам се рӯз парвоз карда будам, аммо ин дафъа як рӯз шуд. Маълум мешавад, ки ҳанӯз ба Ҳоккайдо нарасидаам», – аз дил гузаронд Гомбэй.

Вай ба атроф нигоҳ кард. Дар ҳақиқат ин ҷойи бегона буд. Чор тараф биёбони холӣ. Хона куҷо, ҳатто дарахту буттае ҳам намудор набуд.

Гомбэй ҳаросид. Дар ин вақт офтоб ғуруб карда, торик шуда буд ва дар чор тараф абрҳои сиёҳ шино мекарданд.

«Ба қарибӣ борон меборад. Дар куҷо паноҳ мебурда бошам?» – фикр кард Гомбэй. Вай зуд қадам бардошта, пеш мерафт, то барои худ маконе пайдо кунад.

Ногоҳ ба замбурӯғи сафеде бархӯрд.

«Дар ин ҷо замбурӯғҳои аҷоиб мерӯйидаанд», – ғур-ғур кард Гомбэй. Аммо хам шуда дид, ки он замбурӯғ не, балки кулоҳи лапардори аз хаси шолӣ бофташуда будааст.

«Чӣ хел хуб! – хурсанд шуд Гомбэй. – Ин кулоҳро пӯшида, дар борон тар намешавам!»

Вай кулоҳро бардошта, пӯшидан хост, аммо кулоҳ танг буд. Гомбэй хеле каш-каш карда, бо азобе онро ба сараш пӯшид. Барои он ки кулоҳро шамол набарад, Гомбэй риштаҳои онро ба зери манаҳаш сахт баст ва роҳашро давом дод.

Гомбэй сад қадам ҳам намонда буд, ки борон борид. Шамоли сахт вазида, кулоҳро бардоштанӣ мешуд. Аммо он ба сари Гомбэй сахт баста шуда буд.

Шамол боз сахттар шуда, кулоҳро бо Гомбэй ба ҳаво бардошт. Вай чунон баланд парвоз мекард, ки на заминро медиду на ҷангалу кӯҳсорро. Ӯ аз абрҳо ҳам боло рафта буд.

Гомбэй дар ҳаёташ бори аввал абрро аз чунин наздикӣ медид.

Вай се шабу се рӯз парвоз карда, ниҳоят оҳиста-оҳиста рӯ ба замин хам шуд.

«Акнун ба куҷо меафтида бошам?» – фикр кард Гомбэй.

Вай ба поён нигоҳ карда, деҳаи калонеро дид. Дар markази деҳа ибодатхонаи панҷошёна меистод. Гомбэй ба боми ибодатхона афтида, дар бомгӯша овезон шуд. Дар бомгӯша овезон будан аз парвоз кардан дар ҳаво ҳам даҳшатноктар буд.

Гомбэй гирдогирди бом гашт, аммо дар он ҷо на зинаеро дид ва на норбонеро. Он гоҳ Гомбэй бо тамоми овоз фарёд кард:

– Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед!

Овози ӯро шунида, мардуми деҳа дар гирди ибодатгоҳ ҷамъ омаданд. Аввал ҳама ҳайрон буданд, ки ин овоз аз куҷо меояд. Ногоҳ бачае ӯро дида, фарёд кард:

– Дар боми ибодатгоҳ як одам!

Мардум ибодатгоҳро иҳота карда, бо боло нигоҳ мекарданд. Гомбэй аз поён мисли мӯрча менамуд. Вай ба поён нигоҳ карда, фиғон мебардошт:

– Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед!

Ногоҳ сараш чарх зад ва аз бомгӯша ба замин афтод.

Одамон “Воҳ!”-гӯён ба чор тараф гурехтанӣ шуданд, аммо пешониҳояшон сахт ба ҳам бархӯрда, аз чашми ҳамаашон шарора парид. Ҳамаи шарораҳо ба оташ табдил ёфтанд ва дар атроф ҳама чиз сӯхт. Ҳам одамон, ҳам Гомбэй ва ҳам ибодатгоҳро оташ хокистар гардонд. Давоми ин афсона ҳам дар ҳамон ҷо сӯхт.

## ГУНҶИШК ВА ЗОҒЧАИ КАБУД

Дар замонҳои қадим гунҷишк ва зоғчаи кабуд бародари ҳамхун буданд. Модари онҳо мурд ва бо падарашон танҳо монданд. Бародари калонӣ – гунҷишк гапдаро буд ва ба падараш итоат карда, рӯзи дароз дар саҳро кор мекард. Аммо зоғчаи кабуд, синну солаш хурд ҳам бошад, тануманд ва боқувват буд. Вай рӯзи дароз бекор мегашт, зеро корро дӯст намедошт.

Рӯзе падарашон онҳоро ҷеғ зада гуфт:

– Фарзандони азизам, шумо калон шудед. Акнун ба шаҳр рафта, худатон кор омӯзед ва мустақилона зиндагӣ кунед.

– Падарҷон, охир мо шуморо чӣ хел партофта меравем? – пурсид гунҷишк.

– Аз як чизҳое хавотир мешавӣ, ки…,– гуфт зоғчаи кабуд.– Падарамон пир ҳам бошад солим ва боқувват аст. Ба ӯ чӣ ҳодиса рӯй доданаш мумкин?

Бародарон ба шаҳр рафтанд, аммо баробари ба хизмати ғуломдор – Даймё даромаданашон ба онҳо нохушӣ рӯй дод.

Гунҷишк бо кӯшиши тамом кор мекард, аммо зоғчаи кабуд ба гирду атроф назар мекард. Ӯ дар ҳаёташ чунин ҳаёти пур аз дилхушии шаҳрро надида буд. Зоғчаи кабуд рӯзи дароз бекор мегашт, вале бой ба онҳо баробар музд медод. Бародари калонӣ маҷбур буд, ки ба ҷои додараш ҳам кор кунад.

Бародарон дар шаҳр хеле вақт зиндагӣ карданд. Зоғчаи кабуд рӯз аз рӯз танбалтар мешуд. Вай пули бародараш кор

кардаро барои нӯшидани сакэ (шароби биринҷӣ) сарф мекард ва падарашро ба хотир намеовард. Гунҷишк бошад ба падараш нома менавишт ва пул мефиристод.

Ҳамин тавр даҳ сол гузашт. Рӯзе бародарон аз падарашон мактуб гирифтанд: «Ман хеле хурсандам, ки ҳар дуи шумо меҳнатдӯст ба камол расидаед,– навишта буд падар. – Фақат аз писари хурдӣ хавотир ҳастам, ки барои чӣ нома наменависад?! Ман пир шудаам ва маргам наздик аст. Мехоҳам, ки пеш аз мурданам шуморо бубинам».

– Гӯш кун зоғчаи кабуд,– гуфт гунҷишк,– мо бояд зуд ба деҳа баргардем. Аҳволи падарамон бад шудааст, зиёрати ӯ ба мо қарзи фарзандист.

Чунин гуфта, ба сафар тайёрӣ дид.

– Бародар, ту рав,– гуфт зоғчаи кабуд,– ман баъдтар меравам.

Гунҷишк тӯша баста, роҳи деҳаро пеш гирифт. Зоғчаи кабуд мехост, ки ба деҳа мисли бойбачаҳо бо сару либоси зебо баргардад.

Зоғчаи кабуд то олуфта шуда, ба деҳа рафт, ки падараш кайҳо аз дунё гузашта буд. Аҳли деҳа ба назди гунҷишк омада, ӯро дилбардорӣ мекарданд.

Одамон ба зоғчаи кабуди қарзи фарзандиро фаромӯшкарда нигоҳ карда, аз ӯ рӯй тофтанд.

– Падарам пеш аз мурданаш туро хеле ёд карданд, – гуфт гунҷишк ва сахт гиря кард.

Одамон, ки истода буданд, инро шунида, гуфтанд:

– Эй зоғчаи кабуд, ту магар девона шудаӣ, ки ба ҷанозаи падарат бо чунин либос омадаӣ! Дар зиндагии падарат ҳеҷ чиз нашудӣ, маргаш ҳам ба ту сабақ нашуд! Ту меҳру муҳаббатро ба либосҳои гарону зебо иваз кардӣ!

Одамон чунин гуфта, зоғчаи кабудро аз деҳа ронданд.

Аз ҳамон замон зоғчаҳои кабуд олуфта шуда, дар кӯҳҳои баланд зиндагӣ мекунанд, то ба чашми мардум камтар намоянд.

## ГУНҶИШКИ ЗАБОНБУРИДА

Дар замонҳои хеле қадим пиру кампире дар як деҳа зиндагӣ мекарданд. Онҳо фарзанд надоштанд, аз ин рӯ пирамард гунҷишкеро дар қафас гирифта буд ва онро мисли фарзанди худаш дӯст медошт.

Боре мӯсафед ба ҷангал барои ҳезумчинӣ рафт, аммо кампир дар хона барои ҷомашӯӣ истод. Кампир ба ошхона барои оҳар рафт, то либосҳои шустаашро оҳар диҳад. Вале ҳарчанд онро дар ошхона кофт, асаре наёфт. Ҳангоми дар лаби ҳавз ҷомашӯӣ кардани кампир гунҷишк аз қафас баромада, оҳарро покиза хӯрда буд. Кампир пай бурд, ки ин кори гунҷишк аст ва то ҳад дошт бадқаҳр шуд. Ӯ парандаи бечораро дастгир намуда, аз нӯлаш дошт ва гуфт:

– Ман аз забони ту ба чунин ҳол омадам? Қайчиро гирифта, «ғарч» забони гунҷишкро бурид. Кампир гунҷишки безабонро ба кӯча ҳаво дода, хандид:

– Акнун ба куҷое, ки равӣ, рафтан гир!

– Ой, ой, ой!.. – нолишкунон, гунҷишк аз ҳавлӣ парида рафт.

Бегоҳ мӯсафед як банд ҳезум дар пушташ аз ҷангал ба хона баргашт.

– Оҳ, имрӯз ҳам хеле монда шудам! Гунҷишк ҳам то ҳол дон нахӯрдагист. Камтар ба вай дон диҳам.

Ӯ ба назди қафас рафт, аммо гунҷишк набуд. Мӯсафед ҳайрон шуда аз кампир пурсид:

– Гӯш кун, кампир. Намедонӣ гунҷишкакамон куҷо рафта аст?

– А-а, гунҷишкак! Гунҷишкаки ту ҳамаи оҳари маро хӯрд! – бо қаҳр ҷавоб дод кампир. – Забонашро бурида, аз хона пеш кардам.

– Эҳ, бечора, ба ту чӣ бераҳмӣ карданд!.. – бо дилтангӣ оҳ кашид мӯсафед.

Мӯсафед шаби дароз хоб нарафта, фикр мекард, ки

гунҷишки безабон куҷо рафта бошад. Рӯзи дигар барвақт хеста, ба ҷустуҷӯи гунҷишки дӯстдоштааш рафт. Асозанон фарёд мекард:

– Гунҷишкаки забонбурида, ту дар куҷоӣ? Овоз барор! Хонаи ту куҷост? Ӯ аз майдон гузашта, кӯҳеро низ пушти сар кард. Боз як майдону як кӯҳи дигарро гузашт. Саранҷом ба ҷое расид, ки хайзурон (бамбук) рӯйида буд. Ӯ садоеро шунида худ ба худ гуфт:

– Гунҷишки забонбурида дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунад! Мӯсафед хурсанд шуда, ба тарафи овоз нигоҳ кард ва дар сояи дарахт хоначаи сурхакеро дид. Гунҷишк кайҳо аз хона баромада, ба пешвози мӯсафед меомад.

– Хуш омадӣ, мӯсафед!

– Саломатиат чӣ хел, гунҷишкак? Ман туро хеле ёд кардам ва ба диданат омадам.

– Бисёр хурсанд шудам, ташаккур мӯсафед. Марҳамат!

Вай мӯсафедро ба хоначааш дароварда, таъзим кард ва гуфт:

– Ман дар назди ту гунаҳкорам, зеро ки оҳари қиматбаҳоятро нопурсида хӯрдам. Илтимос, маро бибахш ва қаҳр накун.

– Ту чиҳо мегӯӣ! Гунаҳкор ман ҳастам. Охир, дар вақти набудани ман ба ту ҳодисаи нохуш рӯй дод. Лекин ман хурсандам, ки боз туро мебинам.

Гунҷишк хешу табор ва дӯстонашро ҷамъ карда, мӯсафедро бо беҳтарин таомҳои дӯстдоштаашон меҳмондорӣ карданд. Баъд ба сурудхониву рақс даромаданд. Мӯсафед чунон хурсанд шуд, ки ҳатто хонаи худашро аз хотир баровард. Аммо вақти ба хона баргаштан шуда буд. Шом шуда истода буд. Мӯсафед саросема шуд:

– Ба ман иҷозати рафтан деҳ. Шаб нашуда ба хона рафтанам лозим аст.

– Хонаи ман танг аст, аммо илтимос шабро дар ҳамин ҷо саҳар кун! – хоҳиш карданд гунҷишку дӯстонаш.

– Бисёр мехостам, аммо кампир дар хона танҳост. Узр, ки имрӯз наметавонам. Боз ба наздат меоям.

– Афсӯс, афсӯс. Хайр чӣ илоҷ. Камтар сабр кун, ман ба ту тухфа тайёр кардаам.

Гунҷишк рафта, зуд бо ду сабад баргашт.

– Ана, мӯсафед, ду сабад: яктоаш вазнин, дигараш сабук. Кадомашеро интихоб кунӣ!

– Ой, ту чӣ зиёфат кардӣ ва боз туҳфа ҳам медиҳӣ... Хайр, мегирам, лекин роҳ дур асту ман пир. Беҳтараш сабукашро мегирам.

Мӯсафед сабади сабукро ба китфаш партофта, бо гунҷишкҳо хайрухуш кард.

– Худо ҳофиз. Ман боз ба диданатон меоям.

– Ҳатман! Мунтазир мешавем! Худатро эҳтиёт кун... – Ҳамин тавр гунҷишкҳо мӯсафедро то дами дарвоза гусел карданд.

Кампир дар хона танҳо нишаста, ба хашм омада буд. Офтоб ғуруб кард, аммо аз мӯсафед дараке нест.

– Ин мӯсафед куҷо гум шуд? – ғур-ғур мекард кампир. Ниҳоят мӯсафед сабад дар китфаш пайдо шуд.

– То ин вақт дар куҷо гум шудӣ?

– Қаҳр накун кампир! Ман дар меҳмонии гунҷишкон будам. Ваҳ, маро чунон меҳмондорӣ карданд, ки...! Рақсу сурудашонро намегӯӣ?! Ба замми ин боз ба ман туҳфа доданд, инро бин.

Мӯсафед сабадро аз китфаш ба замин гузошт. Кампир сабадро дида, хурсандона табассум кард.

– О-о, чӣ хел нағз! Сабад чӣ дошта бошад? Даҳони сабадро кушода, қариб аз ҳуш рафта буд. Он пур аз ҷавоҳирот буд: тило, нуқра, марҷону гавҳар медурахшиданд ва чашмро хира мекарданд. Мӯсафед хурсанд шуд.

– Медонӣ, – гуфт ӯ ба кампир, – гунҷишк ба ман ду сабад: яке вазнин ва дигараш сабук дода гуфт, ки кадомашеро интихоб кунӣ. Ман дурии роҳ ва пири камқувват буданамро ба

назар гирифта, сабукашро гирифтам. Ҳатто намедонистам, ки дар он чунин чизҳои қиматанд.

Кампир ба хашм омад:

– Эҳ ту, пири беақл! Чаро сабади вазнинро нагирифтӣ? Албатта, дар он зару зевари бисёртар буд.

– Ин қадар чашмгурусна нашав, кампир. Ба мо ҳамин қадараш ҳам кифоят.

– Ба чӣ кифоят мекунад? Э, ба ту гуфтан чию нагуфтан чӣ! Ҳозир худам рафта, сабади вазнинро меорам.

Мӯсафед кӯшиш кард, ки кампирро аз роҳаш гардонад, аммо вай ҳатто субҳро интизор нашуда, шабона ба роҳ баромад. Шаб тамоман торик буд. Кампир ба саҳро баромада, асо дар даст фарёд мекард:

– Гунҷишкаки забонбурида, ту дар куҷоӣ? Овоз барор! Хонаи ту куҷост?

Ӯ аз майдон гузашта, кӯҳеро низ пушти сар кард. Боз як майдону як кӯҳи дигарро гузашт. Саранҷом ба ҷое расид, ки хайзурон (бамбук) рӯйида буд. Ӯ садоеро шунида худ ба худ гуфт:

– Гунҷишки забонбурида дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунад! Охираш ёфтам! – фикр кард кампир. Ӯ ба тарафи овоз рафта, дар назди дарвоза гунҷишки забонбуридаро дид.

– А-а, ин ту ҳастӣ кампир! Хуш омадӣ, – гуфта, гунҷишк кампирро ба хона даровард.

Гунҷишк мехост, ки кампирро меҳмондорӣ кунад, аммо ӯ хоҳиши гунҷишкро рад карда, гуфт:

– Не, дидам, ки ту саломат ҳастӣ. Дигар дар ин ҷо кор надорам. Беҳтараш зудтар сабади туҳфаҳоро деҳ, ба хонаам бармегардам.

«Оҳ, охир ту чунин чашмгуруснаӣ», – аз дил гузаронд гунҷишк.

Кампир бошад бо саросемагӣ дод мезад:

– Тезтар, зуд бош!

– Ҳозир, ҳозир меорам! Камтар сабр кун, – гуфт гунҷишк ва ду сабад дар даст бозгашт.

– Ана, ду сабад: вазнин ва сабук. Кадомашеро интихоб кунӣ.

– Вазнинтарашро мегирам!

Кампир сабадро ба китфаш партофта, ба гунҷишк хайр гуфт ва бо роҳи омадааш бозгашт. Сабад вазнин буду кампир пири афсурда. Устухонҳои кампир садо мебароварданд ва қариб буд сутунмуҳрааш шиканад. Ниҳоят капир тоб оварда натавониста, ба замин нишаст.

– Уф!.. Вазнин бошад ҳам зару зевари бисёр дорад! Ана, хушбахтӣ! – ғур-ғур кард кампир. – Ку бинам дар ин ҷо чӣ ҳаст! Якбора дам ҳам мегирам.

Вай ба рӯйи санги канори роҳ нишаста, зуд даҳони сабадро кушод. Аммо ба ҷойи ҷавоҳирот аз даруни сабад ҳар гуна ҷинну аждаҳо баромаданд.

– Ана, ҳамин аст кампири чашмгуруснаи бадкирдор! – дод заданд ҷинҳо ва ба кампир ҳуҷум карданд.

Онҳо кампирро масхара карданд. Ӯ дар ҷояш шах шуда монд.

– Ёрӣ диҳед! Маро наҷот диҳед! – кампир аз тарс фиғон бардошта гурехт.

Фақат қарибӣ субҳ ба зӯру азоб то хонааш рафта расид.

– Ба ту чӣ шуд, кампир? – бо ҳарос пурсид мӯсафед. Кампир тамоми воқеаи рухдодаро аз аввал то охир нақл кард.

Мӯсафед гуфт:

– Ана, дидӣ, ба чӣ гирифтор шудӣ? Дигар бераҳмӣ ва чашмгуруснагӣ накун!

## ДУ ХОҲАР

Буданд-набуданд дар як замон дар як макон ду хоҳар бо ҳам зиндагӣ мекарданд. Хоҳари калонӣ зебо ва хушрафтор, аммо хоҳари хурдӣ бадкору хасис буд.

Боре дар як рӯзи офтобии тирамоҳ хоҳари хурдӣ ба апааш гуфт:

– Апа, биё ба кӯҳ чилғӯзачинӣ равем.

– Хуб, чилғӯзаҳо ҳам кайҳо пухтагистанд. Рафта мечинем, – ҷавоб дод хоҳари калонӣ. Онҳо яктогӣ халта гирифта, ба кӯҳ рафтанд. Дар кӯҳ чилғӯзаҳои пухтаву кафидаи бисёре ёфта, ба халтаҳояшон андохтанд. Аммо хоҳари хурдӣ халтаи апаашро сӯрох карда буд. Ҳарчанд ӯ ба халтааш чилғӯза меандохт, он пур намешуд. Чилғӯзаҳо аз сӯрохи халта мерехтанд. Хоҳари хурдӣ аз қафои апааш рафта, чилғӯзаҳои рехтаи ӯро гирифта, ба халтаи худаш меандохт.

– Ман кайҳо халтаамро пур кардам, апа. Биё, ба хона равем, – гуфт вай.

Апааш ҷавоб дод:

– Ӯҳ, ту кайҳо халтаатро пур кардӣ? Чӣ хел тез! Халтаи ман ҳоло ҳам пур нашудааст.

– Набошад, ту чидан гир, ман ба хона меравам, – гуфт хоҳари хурдӣ ва тозон ба хонаашон рафт.

Хоҳари калонӣ танҳо монд. Вай чилғӯза кофта, хеле дур, ба кӯҳ рафт ва аз роҳ баромад.

– Оҳ, акнун чӣ кор мекарда бошам?

Вай гирякунон дар кӯҳ саргардон шуд. Шом ҳам даромад. Ногоҳ духтарак маъбади кӯҳнаи хурдакакеро дид. Дар он ҷо Ҷизо-сама[1] танҳо меистод. Чеҳраи ӯ меҳрубону пурнур буд. Хоҳари калонӣ ба пеши Ҷизо-сама таъзим кард.

– Ҷизо-сама, Ҷизо-сама, дар кӯҳ торикӣ фаромад. Ман як духтари бечораам, куҷо рафтанамро намедонам. Ба ман иҷозат деҳ, ки имшаб дар ҳамин ҷо хоб кунам.

– Ҳм, ҳм! Ҳамин ҷо хоб кун, ман зид нестам. Лекин вақтҳои охир, дар баробари фарорасии шаб аз куҷое ҷинҳои сурху кабуд меоянд. Онҳо дар ин ҷо рақсу бозӣ мекунанд. Ту аз онҳо наметарсӣ? – ҷавоб дод Ҷизо-сама.

– Вой! – дод зад духтарак. – Охир, ман дигар ба куҷо равам!

Вай гиряро сар дод. Дили Ҷизо-сама ба вай сӯхт:

[1] Ҷизо-сама – илоҳаи пуштибони бачаҳо

– Хуб, хуб. Имшаб ман туро дар пушти худам руст мекунам. Лекин ту бояд бароям як кор кунӣ.

– Чӣ кор бояд кунам?

– Дар пушти ман, дар девор кулоҳи хасин овехта шудааст. Ҳар шаб ҷинҳо сакэ[1] менӯшанд ва рақс мекунанд. Ту чанд бор ба ин кулоҳ зарба зада, мисли хурӯс «Қу-у-у-уууу!» гӯй.

– Хуб, фаҳмидам, – гуфт хоҳари калонӣ ва дар пушти Ҷизо-сама пинҳон шуд.

Нисфи шаб аз ким-куҷо ҷинҳои сурху кабуд пайдо шуданд. Онҳо дар ҳақиқат бадафту шохдор буданд. Ҷинҳо як ғарам тангаҳои тилову нуқраро дар байнашон рехта, онро шумурдан гирифтанд. Баъд сакэ нӯшиданд. То маст шудан нӯшиданд ва ба рақс даромаданд.

– Тақ-туқ, тррам-тарарам, тақ-туқ, тррам-тарарам!

«Акнун вақташ расид», – аз дил гузаронд духтарак ва аз рӯйи фармудаи Ҷизо-сама кулоҳи хасинро тап-тап зада, мисли хурӯс «Қу-у-у-уууу!» гуфт.

Ҷинҳо аз рақс боз монда, ба ташвиш афтоданд.

– Ҳозир рӯз мешавад! Бадбахтӣ! Бадбахтӣ! Хурӯс овоз кард!

– Рӯз мешавад! Бадбахтӣ! Бадбахтӣ!

– Мегурезем! Мегурезем!

Онҳо шаробашонро то охир нӯшида, ба ҳамдигар такя кардаву калобида гурехтанд.

Субҳ ҳам дамид. Хоҳари калонӣ ба Ҷизо-сама миннатдорӣ баён карда, ба хона баргаштанӣ шуд. Лекин Ҷизо-сама ӯро аз роҳаш гардонда, гуфт:

– Эй, гӯш кун! Чизҳои бегонаро дар ин ҷо гузоштан лозим нест. Ин тилову нуқраҳо ҳама аз они ту гаштанд. Ҳамаашро гир!

Хоҳари калонӣ то метавонист кисаҳояшро аз тангаҳои тилою нуқра пур кард ва роҳи хонаро пеш гирифт.

---

[1] Сакэ – шароб аз спирти биринҷ.

Падару модараш дар хона хавотир шуда буданд. Вай чӣ тавр бо Ҷизо-сама вохӯрданаш ва тилою нуқра ёфтанашро нақл кард. Падару модараш хурсанд шуда гуфтанд:

– Бисёр хуб шудааст! Ин мукофот барои дили нарм ва хислати хуб доштани ту аст.

Танҳо як нафар аз комёбии хоҳари калонӣ хурсанд нашуд. Вай хоҳари бадкору бахили хурдӣ буд. Вай мехост, ки апаашро нороҳат кунад, аммо баракс шуд. Ба ҷойи бечилғӯза ба хона баргаштан бо тилою нуқра баргашт. Хоҳари хурдӣ ҳасад мебурд.

Ин дафъа хоҳари хурдӣ халтаи сӯрохшударо худаш гирифта, аз апааш хоҳиш кард, ки боз ба кӯҳ барои чилғӯзачинӣ раванд. Чӣ тавре ки хоҳари хурдӣ халтаи сӯрохро гирифта буд, он пур намешуд. Хоҳари калонӣ бошад зуд халтаашро пур кард.

– Ман кайҳо халтаамро пур кардам! Ту чӣ? – пурсид ӯ.

– Халтаи ман ҳанӯз ҳам қариб холӣ аст, – ҷавоб дод хоҳари хурдӣ.

– Биё, халтаатро дукаса пур мекунем.

– Не, лозим не. Ба кори ман дахолат накун!

– Хайр, биё халтаи маро ду тақсим кунем.

– Не, даркор не! Аҳмақӣ накун. Халтаатро пур карда бошӣ, ба хона баргард, – бо қаҳру ноз гуфт хоҳари хурдӣ.

Хоҳари калонӣ ноилоҷ ба хонаашон рафт.

– Акнун хуб шуд! – зери лаб гуфт хоҳари хурдӣ ва зуд роҳашро ба тарафи кӯҳ идома дод, – кош, ки тезтар шаб мешуд! Эҳ, ин офтоб ҳам хеле суст ҳаракат мекунад!

Торикӣ ҳам фаро расид. Хоҳари хурдӣ ба ҷойи нақлкардаи апааш омада, маъбади кӯҳнаи хурдакакро ҷустуҷӯ кард.

– Ана вай! Ана вай! Ин ҷо! Ҷизо-сама ҳам дар ҳамин ҷо. Кулоҳи хасин ҳам дар ҷояш бошад?

Вай хам шуда, ба пушти Ҷизо-сама нигоҳ кард. Кулоҳ дар ҳамон ҷо буд.

– Ҳаст! Дар ҳамин ҷо! Хуб мешуд, ки тезтар онро кӯфта, «Қу-у-уу!» мегуфтам.

– Шом ба хайр, Ҷизо-сама. Чаро чеҳраат чунин ғамгин аст? Ҳама мегӯянд, ки Ҷизо-сама чеҳраи нурониву меҳрубон дорад. Гуфтагӣ барин, иҷозат деҳ, ки ман имшаб дар ҳамин ҷо хоб кунам. Аз ягон намуд ҷин наметарсам ва ба овози хурӯс хуб тақлид карда метавонам. Ин як кори тамоман одӣ аст. Агар ин бегоҳ бобарор шавад, ман ба ту хидмати хубе мекунам.

Ҷизо-сама ин гапҳоро шунида, фикр кард: «Ин духтари ғалатӣ аз куҷо омада бошад?»

Хоҳари хурдӣ ба ҳеҷ чиз эътибор надода, ба пушти Ҷизо-сама пинҳон шуд.

– Хоҳӣ нахоҳӣ ман дар ҳамин ҷо шабро мегузаронам. Эҳ, Ҷизо-сама, ту чӣ хел чиркину пурчанг ҳастӣ! Шаби дароз дар ин ҷойи чиркин истода, мукофоти калон нагирифтан ҳам хуб нест. Хайр биё, майлаш.

Вай ғур-ғуркунон кулчаи бо худ овардаашро хӯрдан гирифт.

– Бомаза менамояд! Ба ман ҳам як кулча намедиҳӣ? – пурсид аз вай Ҷизо-сама.

Хоҳари хурдӣ рӯяшро турш кард.

– Чӣ гуфтӣ? Бутҳо хӯрок намехӯранд-ку. Туро Ҷизо-сама нею Ошхӯри ҷомадарон ном медоданд муносибтар буд. Ту он қадар ором ҳам набудаӣ. Фу, дилам ғаш кард! – гуфта, бо думи чашм ба Ҷизо-сама нигоҳи захдоре кард.

Баъди ин Ҷизо-сама дигар чизе нагуфт.

Шаб нисф шуд ва ҷинҳо мағал бардошта, омаданд.

– Омаданд! Ниҳоят омаданд! – хурсанд шуд хоҳари хурдӣ.

Имшаб ҳам ҷинҳои сурху кабуд омада, тилою нуқра шумурданд ва ба айшу ишрат машғул гаштанд.

Хоҳари хурдӣ ғарами тилоро дида, аз чашмгуруснагӣ тоқаташ тоқ шуд. Вай пеш аз мӯҳлат кулоҳро тап-тап зад ва овоз баровард. Овозаш ҳам ба овози хурӯс монанд набуд:

– Қурурувуу! Қур-қурурууу! Қуууу! Қууу-қууу!

Ҷинҳо ҳанӯз маст нашуда буданд.

– Ой, наход кайҳо рӯз шуда бошад?

– Не, ҳоло барвақт аст. Аҷаб. Ин овози чӣ бошад?

– Ҳа, хеле аҷиб! Биёед, кофтукоб кунем, шояд дар ин ҷо касе ҳаст.

Ҷинҳо пушти Ҷизо-самаро кофта, духтарро диданд.

– Дар ин ҷо! Дар ин ҷо одам! Дар ин ҷо як духтарча! Онҳо духтари аз тарс ларзонро дида, ӯро кашола карда баровар-данд.

– Беақл! Аблаҳ! Гумон кардӣ, ки мисли хурӯс овоз карда метавонӣ! Ӯро пора месозем ва барои сакэ газак мекунем!

– Бубахшед! Ой-ой-ой! Ёрӣ диҳед! Ман... дигар такрор намекунам! Фақат ма... ма... маро нак… накушед – ашкрезон илтимос кард духтарак.

Вай ба зӯру азоб аз дасти ҷинҳо халос хӯрда, ба хонаашон баргашт.

## ЗОҒ ВА АБР

Аз қадимулайём зоғ ва гурба душманони ашаддӣ ҳисоб мешаванд. Барои чӣ чунин шудааст?

Буд набуд зоғе буд. Вай ҳамеша дӯст медошт, ки ҳар чизи ба дасташ афтодаро ба дурӣ бурда, пинҳон кунад. Пинҳон мекард, вале худаш ҳам пайдо карда наметавонист. Ин кор ӯро ғамгин мекард. Рӯзе зоғ ба назди гурба барои мас-лиҳатпурсӣ омад.

– Гурбаҷон, ба ман ёрӣ деҳ,– гуфт ӯ.– Барои чӣ ман чизҳои пинҳонкардаамро намеёбам?

– Ту онҳоро дар куҷо пинҳон мекунӣ?– пурсид гурба.

– О! – хитоб кард зоғ.– Онҳоро дар ҷои аз ҳама хуб пинҳон мекунам! Дар зери абр! Ба осмон нигоҳ карда абри зебоеро интихоб мекунам ва дар зери он, дар бехи ягон бут-та чизҳоямро пинҳон мекунам.

– Охир ту беақл ҳастӣ, зоғ! – хандид гурба.– Магар ту на-

медонӣ, ки абр дар осмон намеистад, вай шино карда мера-вад! Абр шино карда рафт, тамом! Агар чизҳоятро дар зери абр пинҳон кунӣ, чизеро ёфта наметавонӣ!

Зоғ ба фикр фурӯ рафта, гуфт:

– Сарамро гаранг накун! Боз абр куҷо шино мекардааст? Ту ҳамаи ин гапҳоро аз худат бофта, баровардаӣ, ки чизҳои маро соҳиб шавӣ!

Ҳамин тавр вай ба гурбаи доно бовар накард. Мисли пе-шина, чизҳои дуздидаашро дар зери абр пинҳон мекард.

Ҷонварон аҳмақии зоғро фаҳмида, ӯро тамасхур меза-данд:

– Эй зоғ, охир, ту моро аз ханда рӯдакан кардӣ!

– Чизҳоятро аз зери абр ёфтӣ?

Зоғ аз ин масхараҳо аз гурба бештар хафа шуд.

– Ман гумон доштам, ки ту дугонаи манӣ,– қар-қар кард вай.– Аммо ту ҷойи чизпинҳонкунии маро ба ҳама нақл кардӣ.

Аз ҳамон замон дӯстии зоғ ва гурба ба охир расид. Пас аз он зоғ кӯ ба кӯ гашта, қар-қар мекунад: «Эй гурба, чизҳои маро деҳ!»

## ИБОРАИ СЕҲРНОКИ «ПИР ШАВ»

Ин воқеа дар замонҳои хеле қадим рух дода буд. Боре, дар бевақтии шоми боронӣ духтаре бо номи Ямато аз саҳро ба хона мерафт. Роҳ бошад аз назди гӯристон мегузашт. Ямато рафту рафт ва дар роҳ ба гӯшаш садои гиряи кӯдаке расид. Духтарак ба атроф нигариста, дид, ки дар рӯйи гӯри кӯҳнае кӯдаке гиря дорад. Дурусттар нигоҳ карда дид, ки он кӯдак не, балки гурбаи сиёҳе аст.

Ямато ҳатто ба тарсидан ҳам фурсат наёфта, аз гӯри кӯҳна овози хирросии ваҳмангез баромад:

– Эй, гурба, чаро дар ин ҷо нолиш мекунӣ?!

Гурба итоат карда, аз мявгӯӣ бозмонд. Аммо Ямато дар

паси дарахт пинҳон шуд. Ӯ аз ҷояш наҷунбидаву садо набароварда, меистод.

– Медонӣ,—идома ёфт овози зери гӯр, – вақте ки шоми ҳавои соф фаро мерасад, пеш аз он, ки дар хонаҳо шамъ афрӯзанд, ба хонаи калоне рав, ки девори ҳавлиаш аз санг аст. Дар пеши дарвозааш нишину то раҳми соҳибони хона омадан мяв гӯ. Бигзор фикр кунанд, ки кӯдаке гиря мекунад. Дар ин вақт кӯдаке, ки дар он хона ба наздикӣ ба дунё омадааст, атса мезанад. Вақте ки ӯ се маротиба атса зад, ҷонаш мебарояд, яъне мемурад.

– Фаҳмо,– хур-хур кард гурба,– се маротиба атса занад дигар роҳи халосӣ надорад?

– Не,– баланд шуд овози хиррӣ.– Аз ин одамон ҳар чиз умедвор шудан мумкин. Дониста бош, ки агар пас аз атса задани кӯдак касе «пир шав» гӯяд, ҷодуҳои мо таъсир намекунанд. Тозон рав!

Гурба боз ба садои гиряи кӯдак тақлид карда, давон дар торикӣ аз назар ғоиб гашт.

Ямато дар паси дарахт шах шуда монда буд, на зинда буданашро медонист ва на мурда буданашро. Вай сахт тарсид. Ӯ каме интизор шуд ва ноаёну бешарфа ба деҳа рафт. «Чӣ хел ибораи сеҳрнок ёд гирифтам»,– дар роҳ аз дил мегузаронд духтарак.

Ямато қарор дод, ки дар бораи чизи дидааш ба касе ҳарфе назанад. Ӯ нахустин шоми ҳавои софро интизор шуд. Вай бисёр мехост кӯдакеро, ки дар хонаи ҳоиташ сангин ба қарибӣ ба дунё омадааст, наҷот диҳад.

Духтарак аз бомдод то хуфтан дар саҳро кор мекард. Ниҳоят ҳаво софу беғубор шуд ва шом ҳам фаро расид. Ҳанӯз торик нашуда буд, ки духтарак ба назди хонаи ҳоиташ сангин рафт.

– Эй Ямато, чаро имрӯз барвақт аз саҳро омадӣ?– бо тааҷҷуб пурсид соҳиби хона.

– Шунидам, ки саломатии кӯдаки шумо хуб нест,– ҷавоб дод духтарак,– қарор додам, ки ӯро бинам.

– Чӣ хел меҳрубонӣ ту, Ямато! Барои ғамхориат ташаккур,– гуфт соҳибхона,– кӯдаки мо ба ростӣ бемор аст.

Соҳибхоназан баромада, Яматоро ба дарун таклиф намуд. Дар ин вақт саҳни ҳавлӣ торик шуда буд. Шамъҳоро ҳам фурӯзон карданд. Говҳо дар назди охур кавша мекарданд. Кӯча бошад холӣ буд, касе наменамуд.

Ямато аз паси девор нигоҳ карда, ҳамон гурбаи сиёҳро дид, ки дар шоми боронӣ, дар гӯристон бо арвоҳ маслиҳат мекард. Гурба торафт ба хона наздиктар мешуд ва чашмони кабудаш аз хашм медурахшиданд. Гурба фаш-фашкунон тоб мехӯрд. «Ниҳоят омад»,– тарсон аз дил гузаронд Ямато.

Гурба ба назди дарвоза омада, ба нолиш сар кард.

– Ой, ин чӣ бошад? Нигоҳ кунед – гурба! Аммо айнан мисли навзод нола мекунад!– соҳибхоназан ба шӯр омада, тифлашро сахттар ба оғӯш кашид!

Дар ин вақт навзод атса зад.

– Апчхи!

– Пир шав! – зуд гуфт Ямато.

– Апчхи! – боз атса зад кӯдак.

– Пир шав! – боз садо баровард Ямато.

– Апчхи!

– Пир шав!

Вақте ки духтарак бори сеюм ибораи сеҳрнокро такрор намуд, гурба аз нолиш бозмонд ва ба ҷониби ӯ бадқаҳрона нигоҳе карду гурехта рафт.

– Ҳа-ҳа-ҳа! – хандиданд соҳибони хона.– Чӣ ибораи аҷоибе мегӯӣ ту?

– Ҳа-ҳа-ҳа! – ногоҳ навзод ба ханда даромад.

– Нигоҳ кунед, бачаатон шифо ёфт! – хушҳолӣ кард Ямато.– Ҳатто механдад!

Пас аз ин духтарак воқеаи дар назди гӯристон рухдодаро нақл кард.

– Барои ҳамин ман имрӯз аз саҳро барвақттар омадам,– гуфт ӯ дар охир.

– Чӣ наќлҳои ваҳмангез мекунӣ! – гуфтанд соҳибони хона.– Мо аз ту барои наҷот ёфтани кӯдакамон қарздорем. Ҳар гоҳ, ки хоҳӣ ба хонаи мо ба меҳмонӣ биё!

Онҳо ба Ямато миннатдорӣ баён намуда, ӯро зиёфат карданд ва инъом доданд.

Аз ҳамон замон инҷониб дар ҷазираҳои Рюкю чунин расм ба вуҷуд омад, ки агар кӯдак атса занад, ҳатман касе ба ӯ ибораи сеҳрноки «пир шав»-ро мегӯяд.

## ИЛОҲАИ БАРҚ СОМБУТСУ

Дар замонҳои хеле қадим, дар деҳае дар миёни кӯҳҳо пирамард ва наберааш зиндагӣ мекарданд. Онҳо камбағал буданд, ҳамаи дороияшон як полизи хурдакак, баробари пешонии гурба.

Пирамард ҳар саҳар бо наберааш ба сари замин рафта, то бегоҳ кор мекард. Полизашон хурдакак бошад ҳам, онҳоро таъмин карда метавонист. Аз он гоҳ шалғаму лӯбиё ва гоҳ харбуза мегирифтанд.

Боре пирамард фикр кард, ки шалғам корад. Наберааш ба ин розӣ шуд.

– Бобо, ман шалғамро хеле дӯст медорам,– гуфт.– Агар ҳосили хуб диҳад, зимистон азоб намекашем.

Онҳо баъди коркарди замин, дона коштанд ва овоз бароварданд: «Шалғам, шалғам, баро! Шалғам, шалғам, калон шав! Фаровон шуда, бобою набераро хурсанд кун!».

Ва интизор шуданд, ки кай сабз мешавад.

Пас аз чанд рӯз диданд, ки полиз сабзи сабз шудааст. Пирамард ва наберааш хеле шод гаштанд:

– Ана, бин, чӣ қадар шалғам руста истодааст! Акнун гуруснагии зимистон ба мо таҳдид намекунад!

Вакти обдиҳии шалғам фаро расид. Пирамард ва наберааш барои об ба сарчашма рафтанд. То сари чашма роҳ

дур буд. То сари кӯҳ рафтан лозим буд, аммо ба ҳар ҳол обро овярданд. Ноомади корро бинед, ҳарчанд об медоданд, аммо баргҳои шалғам гӯё аз ташнагӣ: «Об! Об!» мегуфтанд. Пирамарду набераaш бошанд шалғамро об медоданду об.

Боре онҳо ба сари чашма рафта, аз ҳайрат ангушт газиданд. Чашма хушкидабуд. Набераи пирамард ғамгин гашта, ашк рехт. Бобояш гуфт:

– Акнун чӣ кор мекунем? Шалғамамон нобуд мешавад ва мо аз гуруснагӣ ҳалок мегардем. Аз куҷо об ёфтанро андешида, илова намуд:

– Биё, ҳамроҳ ба кӯҳи Тога меравем, дар он ҷо илоҳа Сомбутсу зиндагӣ мекунад.

– Илоҳа Сомбутсу? – тааҷҷуб кард набераaш. – Кист вай?

– Ин илоҳаи аз ҳама боқуват, илоҳаи барқ, – ҷавоб дод бобо. – Ҳамаи боронҳо бо иродаи ӯ мeборанд. Чанд қадаре ки хоҳад борон мерезонад.

– Хайр, агар вай чунин қудрат дошта бошаду ба мо ёрӣ дода тавонад ба пешаш меравем,– нафаси сабук кашида, гуфт набера.

Онҳо ба ҷониби кӯҳи Тога раҳсипор гаштанд. Пайроҳаи кӯҳӣ каҷмакаҷак то рафт баландтар мебурд.

– Ҳоло то илоҳа дур аст? – пурсид набера.

– Аз ҳамин беша гузарем, он тарафаш осон,– посух дод бобояш. Ниҳоят онҳо ба қуллаи кӯҳ баромаданд.

– Ана, расидем,– гуфт пирамард.

Духтарак ба зер нигоҳ карда, даҳонаш аз ҳайрат воз монд. Онҳо дар сари кӯҳе буданд, ки тагаш наменамуд.

– Ин чӣ хел аст? – бо ҳайрат гуфт набера.– наход ҳамин кӯҳи бетаг илоҳаи барқ Сомбутсу бошад?

– Бале,– ҷавоб дод пирамард.– Ин илоҳа Сомбутсу аст. Ин кӯҳи муқаддас аст.

Онҳо ба кӯҳ саҷда карда, дастҳояшро барои дуо кушоданд.

– Илоҳа Сомбутсу, ба полизи мо борон бифирист,– дуо кард пирамард.

– Илоҳаи меҳрубон Сомбутсу, шалғами мо нобуд мешавад, ба мо ёрӣ деҳ. Моро аз гуруснагӣ нигоҳ дор! – дуо кард набера.

Илоҳа Сомбутсу садое набаровард, дуокунон нишастанду рафтанд.

Рӯзҳои дигар ҳам пирамард бо набераааш омада, дуо карданд, вале илоҳа Сомбутсу ба онҳо чизе ҷавоб надод. Баргҳои шалғам аз беобӣ пажмурдатару зардтар мешуданд.

Дар рӯзи ҳаштум пирамард аз хоб хеста ба осмон нигоҳ кард, ки боз ҳам ҳаво соф. Ҳатто як абрак ҳам нест.

– Акнун фаҳмидам, ки илоҳаи бузурги барқ Сомбутсу монанди гуфтаи одамон меҳрубон набудаанд,– ғур-ғур кард пирамард.– Ӯ дуоҳои моро гӯш намекунад.

Дигар илоҷ ҳам набуд. Онҳо боз ба сари кӯҳи муқаддас рафта, ба дуохонӣ сар карданд:

– Ғами моро бихӯр, илоҳа Сомбутсу, ақаллан як боронак бибор! Полизи моро тар кун! Шалғами моро наҷот бахш!

Кӯҳ ҳамоно хомӯш буд ва илоҳа Сомбутсу чизе намегуфт. Пирамард сахт ба ғазаб омада, дод зад:

– Одамон дурӯғ мегӯянд, магар ту ёрӣ дода метавонӣ! Ту илоҳа не, ту фиребгар ҳастӣ!

Пирамард санги калонеро бардошта ба сӯи кӯҳ партофт! Санг ғелида ба чоҳе афтид, ки дар сари кӯҳ буд.

Кӯҳ ба ғурриш даромада, ларзид ва аз зери чоҳ овози марғуладоре баромад:

– Кӣ ҷуръати ба ман санг партофтан кард? Кӣ хоби маро вайрон кард? Ҳозир ман нишон медиҳам!

Пирамард бо набераааш тарсиданд.

– Ой, наҷот диҳед! – гӯён тозон, аз кӯҳ дур шуданд. Пирамард дар ҷояш истода, гуфт:

– Эй илоҳаи бузурги барқ Сомбутсу, маро бубахш, ки ба ту санг партофтам. Охир, дигар тоқати хомӯшии туро

таҳаммул кардан надорам. Ҳашт рӯз аст, ки омада, аз ту борон мехоҳем, вале ту хомӯшӣ.

Пирамард чунин гуфта буд, ки кӯҳ аз ҷунбиш бозмонд.

– Ҳашт рӯз боз меоям гуфтӣ? – боз савол дод илоҳаи барқ.– Эҳ, узр, бибахш! Хайр, ту охир рӯзҳо меоӣ. Ман рӯзҳо хобиданро дӯст медорам. Агар сахт бихобам чизеро шунида наметавонам. Қаҳр накун, маро бибахш!

– Хуб,– гуфт пирамард,– қаҳр намекунам. Ту ба мо борон меборонӣ ё не?

– Барои чӣ наборонам? – хандид илоҳаи барқ.– Ҳайф аст магар?

Вай нафаси чуқур кашида, хобашро паронд ва фарёд кард:

– Эй хизматгорони боэътимод, бедор шавед! Барои шумо кор пайдо шуд!

Чизе аз даруни чоҳ тақар-тақар кард ва ногоҳ дуде баромад. Дуд аз чоҳ ба ҳаво хест ва дар як лаҳза осмонро абр пӯшонд. Дар рӯйи ҳар як абр як нафар хизматгори Сомбутсу савор шуда буд.

– Во аҷабо! – тааҷҷуб карданд бобову набера.– Боронро ана ҳамин тавр месохтаанд.

– Хамёза накашед! – дод зад илоҳаи барқ Сомбутсу ба хизматгоронаш.– Беҳтараш ҳамаи полизҳоро сероб кунед!

Хизматгорон амри илоҳаро шунида, болғаҳояшонро ба абрҳо кӯфтан гирифтанд. Раъд ғуррос зад ва барқ тобон шуд. Борони сахте борид.

– Эҳ, бас! – хаста шуда, гуфтанд хизматгорони куҳансол.

– Боз камтари дигар! – дод мезаданд хизматгорони ҷавонтар.

Бобову набера аз боридани борон хеле хурсанд шуда, ба илоҳаи барқ ташаккури зиёд гуфтанд ва ба хонаашон баргаштанд. Ба лаби полизашон расида диданд, ки шалғам кайҳо калон шудааст. Он сол ҳосили фаровон гирифтанд.

Аз ҳамон замон ин ҷониб дар байни мардум расми аҷибе

пайдо шуд. Агар хушксолӣ шавад ҳама ба сари кӯҳи Тога, ба назди илоҳа Сомбутсу мерафтанд. Ба чоҳи чуқур санг мепартофтанд ва илоҳаро бедор карда, аз ӯ борон талаб менамуданд. Мӯсафедон мегӯянд, ки пас аз ин кор ҳатман борон меборад.

## ИЛОҲАИ КӮҲ ВА КАЖДУММОҲӢ

Дар замонҳои хеле қадим, дар деҳае одамони сарватманд зиндагӣ мекарданд. Чаро онҳо чунин доро буданд? Барои он ки деҳқонони он деҳа бо худи илоҳаи кӯҳ дӯстӣ доштанд. Барои ҳамин илоҳаи кӯҳ ба онҳо ҳосили фаровон медод ва ҳашароти зараррасонро аз заминҳо дур меронд. Ҳар тирамоҳ илоҳа ба қуллаи кӯҳ баромада, аз он ҷо ба деҳа нигоҳ мекард. Баҳор бошад ба деҳа фаромада, бо мардум зиндагӣ мекард. Одамон ҳар баҳор омадани ӯро интизор мешуданд. Ҳеҷ гоҳ дар набудани ӯ шолӣ намекориданд, зеро баҳорон вайро илоҳаи майдонҳои шолӣ меномиданд. Илоҳаи кӯҳ хеле меҳрубон ва ниҳоят шармгин буд. Гоҳо аз хиҷолат суп-сурх мешуд ва гоҳо рӯйи худро пинҳон мекард. Ӯ мисли духтари ҷавон бисёр якрав буд.

Боре, баҳорон чунин воқеа рӯй дод. Чун ҳарсола, илоҳаи кӯҳ замони шоликорӣ ба деҳа омад. Ӯро бо дастархони пурнозу неъмат ва иззату эҳтиром пешвоз гирифтанд. То вақти ба тамошои деҳа баромадани илоҳа ҳамааш хуб буд. Ӯ хонаҳову майдонҳоро тамошо карда то лаби чашма расид. Дар лаби чашма дам гирифта, атрофро тамошо кард. Ногоҳ дар оби чашма акси худро дид! Баробари аксашро дар об дидан пичирос зад:

– Ой, ой! Ана бадбахтӣ! Наход ин ман бошам?! Ҳеҷ гоҳ чунин бадафт буданамро намедонистам! Афтро бин-у! Чӣ хел шармандагӣ! Аз ин андом шармам меояд!

Илоҳа ашки сӯзон рехта, чизҳояшро гирифт ва ба кӯҳи аз ҳама баланд гурехт.

Деҳқонон гаранг шуда монданд.

– Ист! – фарёд карданд. – Ғамгин нашав! Мо туро, чӣ хеле, ки набошӣ, дӯст медорем ва ҳурмат мекунем!

Илоҳа бошад, медавиду медавид ва чизеро дидану шунидан намехост.

Деҳқонон тарсиданд. «Агар вай дигар барнагардад чӣ мешуда бошад?» – фикр мекарданд онҳо. Ҳамин тавр ҳам шуд. Илоҳа аз назари мардум дар миёни ҷангал пинҳон шуд.

Харобӣ ба деҳа омад: майсаҳо пажмурданд, киштзорҳо хушк гаштанд, дар кӯҳ дарахтон дигар намерӯиданд. Деҳқонон намедонистанд, ки чӣ илоҷ карда қаҳтиро паси сар кунанд. Онҳо хеле вақт фикр карданд ва ниҳоят ба назди кампири солхӯрдае маслиҳатпурсӣ рафтанд. Тамоми воқеаро ба кампир нақл карданд.

Кампир каме ба андеша фурӯ рафта, гуфт:

– Ман хеле пир шудаам, дусадсол боз умр мебинам. Афту андоми ин илоҳаи кӯҳ дар хотирам нест. Худи шумо чеҳраи ӯро дар ёд доред?

– Чӣ тавр не? – бо ҳайрат ҷавоб доданд деҳқонон. – Вай ҳар баҳор ба деҳа меояд.

– Ҳоло ҳамин тавр? – боз пурсид кампир. – Вай дар ҳақиқат бадафт аст?

– Дар ҳақиқат, – гуфтанд деҳқонон. – Аммо ин тамоман аҳамият надорад! Дар ҳар сурат вай барои мо беҳтарин аст!

– Албатта, – розӣ шуд пиразани зиндагидида, – муҳимаш ин ки илоҳаи кӯҳ меҳрубон аст. Ниҳоят шармгин буданаш кори моро душвор мекунад. Маълум аст, ки аз симояш хеле шарм мекунад ва набинанд гуфта, гурехта аст. Пештар сурати худро надида будааст.

– Акнун мо чӣ кор мекунем? – пурсиданд деҳқонон, – дар деҳа қаҳтиву гуруснагӣ сар шудааст. Аз субҳ то шом дар замин кор мекунем, вале ҳосиле гирифта наметавонем.

– Шуморо лозим аст, ки махлуқи аз илоҳаи кӯҳ баднамотарро пайдо кунед, – маслиҳат дод кампир. – Бигзор вай донад, ки баднамотарини баднамоҳо нест.

Деҳқонон ба фикр фурӯ рафтанд. Аз илоҳаи кӯҳ баднамотар чист? Хеле фикр карданд, аммо чизе пайдо карда натавонистанд.

– Хуб, – гуфт кампир, – ба шумо як маслиҳат медиҳам. Ба лаби чашма равед ва каждуммоҳӣ доред. Дошта бинед, ки ҳеҷ махлуқи дунё чашмонашро чунин безеб ало намекунад!

– Каждуммоҳӣ? Рост мегӯед!, – хурсанд шуданд деҳқонон.

Онҳо ба лаби чашма рафта, каждуммоҳӣ доштанд ва қоҳ-қоҳ хандида, гуфтанд:

– Ҳа-ҳа-ҳа! Афташро бинед!

– Ана, аҷоибот!

– Э, бадафт!

Онҳо каждуммоҳиро ба кӯзае андохта, ба сари кӯҳ шитофтанд. Хонаи илоҳаи кӯҳро ёфта, дарашро кӯфтанд:

– Ҳой илоҳаи кӯҳ, – мурочиат карданд. – Баромада бин, ки мо барои ту чӣ овардем!

Илоҳа дарро кушода ба кӯза нигоҳ кард. Дар он моҳиро дид, чи чашмонашро ба ҳар тараф мепесонад! Тамоман баднамо!

– Ана, аҷоибот! – ҳайрон шуд илоҳаи кӯҳ. – Дар дунё ҳамин хел чиз ҳам будааст-дия! Мебинам, ки аз ман ҳам баднамотар чиз будааст! Ҳазор бор шукр, ки ман каждуммоҳӣ барин нестам! Чашмонашро бинед, гоҳ ин тарафу гоҳ он тараф каҷ мешаванд! Ҳа-ҳа-ҳа! Дигар худдорӣ карда наметавонам! Ҳозир аз ханда мекафам!

Илоҳаи кӯҳ ва деҳқонон хеле хандиданд. Ҳамаашон хурсанд буданд. Вақти илоҳаро мисли пешина хуш карданд. Илоҳа бо одамон оштӣ карда ба деҳа баргашт. Шолӣ хӯша баст ва дарахтон пурмева гаштанд. Аз ҳамон замон ин ҷониб ҳама сарватманду босубот зиндагӣ мекунанд.

## ФЕҲРИСТ

Ганҷи кӣ беҳтар аст?............................................ 3
Гомбей сайёди парандаҳо..................................... 5
Гунҷишк ва зоғчаи кабуд .................................. 10
Гунҷишки забонбурида ...................................... 12
Ду хоҳар ..........................................................16
Зоғ ва абр.......................................................... 21
Иборaи сеҳрноки «пир шав» ............................. 22
Илоҳаи барқ Сомбутсу ...................................... 25
Илоҳаи кӯҳ ва каждуммоҳӣ................................ 29

---

## АФСОНАҲОИ ХАЛҚИ ҶОПОН

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 01.04.2016 супурда шуд.
Чопаш 14.04.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 2,0. Андозаи 60х84 $^1/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Нашри мубориз» чоп шудааст.